آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

9 августи соли 2025
Шанбе
№ 64
(15179)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

РАВИШҲОИ НАВИ ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев доир ба масъалаҳои бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълими олӣ ҷамъомад баргузор намуд.

Сарфи назар аз он ки дар ҳафт соли охир квотаи қабул ба муассисаҳои таълими олӣ 4,5 баробар афзуд, фарогирии ҷавонон бо таълими олӣ ба 42 фоиз расид, низоми тарбияи кадрҳо ҳанӯз ҳам ба талаби воқеии бозор ҷавоб намедиҳад.

Барои мисол, дар корхонаи BYD дар Ҷиззах сад вакансия мавҷуд аст. Чораки он муҳандисон оид ба робототехника, барномарезии роботҳо ва корҳои рангдиҳӣ мебошанд. Бо баробари ба иқтидори пурра баромадани корхона талаб ба кадрҳои соҳибмалака зиёд мегардад.

Дар байни тарбияи донишҷӯён дар муассисаҳои таълими олӣ ва талаби кордиҳандагон фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад. Дар натиҷа корхонаҳо маҷбур мегарданд, ки аз хориҷа мутахассисонро ҷалб намоянд. Ҳамзамон давлат соле барои таълими ҳар як донишҷӯ 25-30 миллион сӯм харҷ менамояд. Аммо беш аз нимаи хатмкунандагон пас аз соҳиб гардидани диплом дар вазифаҳои пастмалака кор мекунанд.

Дар солҳои охир дар натиҷа ба 40 муассисаи таълими олӣ мустақилияти молиявӣ додан даромади донишгоҳҳои чунин самтҳо, мисли иқтисодиёт, ҳуқуқ, тиббиёт, забонҳои хориҷӣ ва педагогика афзуд. Аммо самтҳои кишоварзӣ, ветеринария, муҳандисӣ, илмҳои дақиқ ва табиӣ барои ҷавонон ҷолиб нестанд.

Барои афзудани ҳамкорӣ бо истеҳсолот 25 муассисаи таълими олии муҳандисӣ дар пойгоҳи корхонаҳо 438 кафедра ташкил намуданд. Ҳамин тариқ дар соҳаи нафту газ кластерҳои таълимии истеҳсолӣ ташаккул ёфтанд. Ба туфайли ин беш аз 2 ҳазор хатмкунандагони Донишгоҳи техникии Бухоро аз рӯйи ихтисос бо кор таъмин гардиданд. Миқдори коркардҳои илмии тиҷоратбунёд 10 баробар афзуд.

Солҳои наздик дар Ӯзбекистон татбиқи лоиҳаҳои бузург ба миқдори 83 миллиард доллар ба нақша гирифта шудааст, ки онҳо қариб ба 500 ҳазор мутахассис танҳо дар соҳаи саноат талабро ба вуҷуд меорад.

Барои мисол, дар солҳои наздик дар вилояти Бухоро ба кор андохтани маҷмӯи калони газу кимиё дар назар аст. Дар Устюрт якҷоя бо шариконӣ хориҷӣ татбиқи лоиҳаҳои вусъатнок сар шудааст.

Ҳамаи ин ҳарчӣ зудтар мутобиқ гардидани таълими олиро ба талаботи соҳаҳо, беҳсозии сифати тарбияи кадрҳо ва вусъат додани ҳамкориро барои шуғли ҷавонон талаб менамояд.

Дар ҷамъомад Президент чандин ташаббуси навро иброз намуд.

Аз ин пас ҳангоми асоснок намудани техникиву иқтисодии лоиҳаҳои қиматаш аз 1 миллион доллар ва бо теъдоди кормандонаш беш аз 50 нафар талаб ба мутахассисон аз рӯйи самтҳо нишон дода мешавад. Вазорат ва идораҳои масъул дар асоси ин фармоишҳои мақсаднокро барои тарбияи кадрҳо дар муассисаҳои таълими олӣ ҷойгир менамоянд.

Ректорон модулҳои иловагии таълимиро барои донишҷӯёне, ки бо фармоиш таълим мегиранд, ҷорӣ менамоянд. Барои супурдани модулҳо холҳои кредитӣ ҷамъ карда мешавад.

Дараҷаи дониши донишҷӯён аз соли дуюм сар карда ҳар сол якҷоя бо сармоягузорон – кордиҳандагони оянда баҳогузорӣ мегардад. Мавзӯъҳои корҳои дипломӣ бинобар вазифаҳои лоиҳа муайян карда мешаванд. Хатмкунандагоне, ки талаби сармоягузоронро қонеъ мегардонанд, бо кор таъмин гардиданашон кафолатнок мегардад.

Низоме ба вуҷуд оварда мешавад, ки манфиатдории сектори хусусиро баланд мебардорад: барои қабули хатмкунандагон ба кор соҳибкорон дар рейтинги худ холҳои иловагиро соҳиб мегарданд. Муассисаҳои таълими олӣ хатмкунадагонро ба корхонаҳо бинобар ҷойҳои холии кор сафарбар менамоянд.

Мавзӯи баланд бардоштани ваколат ва масъулияти ректорон баррасӣ гардид. Низоми баҳогузорие, ки дар Донишгоҳи «Ӯзбекистони Нав» татбиқ гаштааст, барои тамоми муассисаҳои таълими олӣ татбиқ мегардад.

Барои дараҷаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони худ муассисаҳои таълими олӣ то 40 хол мегиранд, барои иҷрои фармоишҳои соҳавӣ ва фурӯши коркардҳои илмӣ то 30 хол, барои зарфияти илмӣ ва матолиб дар маҷаллаҳои маъруфи байналхалқӣ то 20 хол, барои ҷалби грантҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ то 10 холро соҳиб мегарданд. Дар асоси холҳои соҳибгардида таъминоти молиявии муассисаҳои таълими олӣ ташаккул дода мешавад.

Дар пойгоҳи Донишгоҳи «Ӯзбекистони Нав» барномаи «Мактаби ректорҳо» барои тарбияи мақсадноки номзадҳо ба вазифаи ректорӣ ва проректорӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Тамоми муассисаҳои таълими олӣ мухторияти академӣ ва ташкилиро соҳиб мегарданд. Аз он ҷумла, ректорон метавонанд мустақилона муовинони худро таъин намоянд, воҳидҳои ҷойи корро дар доираи лимити муқарраргардида тақсим намоянд ва инчунин қимати суперконтрактҳои дифференсиалиро муқаррар намоянд.

Ба масъулон таъмини боадолатнок ва низомноки татбиқи ин навгониҳо супурда шуд.

Роҳбари давлат боз як ташаббуси муҳимро иброз намуд.

Абитуриентҳо аллакай имконӣ интихоб намудани 5 муассисаи таълими олиро ҳангоми ҳуҷҷатсупорӣ соҳибанд. Акнун ин механизм васеъ карда мешавад: агар абитуриент ба ҳеҷ кадоми ин муассисаи таълими олии интихобнамуда дохил нагардад, аммо холҳои вай ба ҷойҳои холии самти мазкур дар муассисаи таълими олии дигар мувофиқ ояд, ӯ метавонад ба он ҷо дар асоси қарордод дохил гардад.

Эътибори асосӣ ба ҳамдастӣ ба бо кор таъмин намудани хатмкунандагони соли 2025 нигаронда шуд, ки онҳо аз 92 ҳазор нафар иборат мебошанд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки 20 ҳазор нафари онҳо таълимро дар магистратура давом медиҳанд ё ихтисоси дуюмро аз худ менамоянд, боз 20 ҳазор нафари дигар аз тариқи Вазорати шуғл ба вазифаҳое, ки собиқаи корӣ талаб намекунанд, ҷойгир карда мешаванд, қариб 10 ҳазор нафар аз тариқи «бизнес-инкубаторҳо» дар минтақаҳо фаро гирифта шуда, дар соҳаҳои соҳибкорӣ, маркетинг, дизайн ва IT бо кор таъмин мегарданд.

Инчунин имконоти иловагии бо кор таъмин намудани ҷавонон дар чунин соҳаҳо, мисли кимиё, энергетика, геология, автомобилсозӣ, металлургия, бофандагӣ, электротехника, сохтмон, нақлиёт, логистика ва инчунин дар соҳаи иҷтимоӣ муайян карда шуданд.

Бо кӯмаки бонкҳои тиҷоратӣ дастгирии роҳандозии тиҷорати 20 ҳазор хатмкунанда роҳандозӣ мегардад. Аз он ҷумла, барои Бонки миллӣ ва Бонки «Алоқабонк» 300 миллион доллар барои таъмини молиявии бо кор таъмин намудани ҷавонон ҷудо карда шудааст.

Имконоти қисме аз ин кредитҳои имтиёзнокро инчунин ба корхонаҳое додан, ки хатмкунандагонро ба кор мегиранд, пешбинӣ мегардад. Ба чунин соҳибкорон то 5 миллиард сӯм зери 18 фоиз кредит дода мешавад. Низоми нав на танҳо барои хатмкунандагони соли ҷорӣ, балки барои онҳое низ татбиқ мешавад, ки дар се соли охир муассисаҳои таълими олиро хатм кардаанд.

Таъкид шуд, ки эътибори алоҳида ба ғамхорӣ нисбати ҷавононе номуташаккил зоҳир гардад, онҳо ба шуғлҳои муфид – маҳфилҳои касбӣ ва забономӯзӣ, чорабиниҳои варзишӣ, амалҳои ватанпарварӣ ҷалб гарданд.

Дар поёни ҷамъомад фикри шахсони масъул, ректорон ва соҳибкорон шунида шуд.

ЎзА.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ РӮЗНОМАИ ДУҶОНИБА ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

8 август мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин баргузор гардид.

Дар ҷараёни суҳбат масъалаҳои муҳими рӯзномаи дуҷониба ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президенти Русия дар бораи натиҷаҳои асосии музокирот бо фиристодаи махсуси Президенти ИМА Стивен Уиткофф, ки 6 август дар шаҳри Маскав баргузор шуда буд, маълум кард.

Ҳамчунин ҷанбаҳои амалии рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Ӯзбекистон ва Русия дар доираи татбиқи тавофуқоти дар сатҳи олӣ бадастомада муҳокима гардиданд.

Ба зарурати андешидани чораҳои ҳамоҳангшуда, ки ба таъмин намудани афзоиши босуботи нишондиҳандаҳои гардиши мутақобилаи мол ва сармоягузорӣ, суръат бахшидан ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, идомаи робитаҳои судманд, мубодилаҳои тиҷоративу башардӯстона дар сатҳи минтақавӣ нигаронда шудаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Саронии Ӯзбекистон ва Русия инчунин ҷадвали вохӯриҳо ва чорабиниҳои дарпешистодаро баррасӣ намуданд.

ЎзА.

ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ҶИҲАТИ БЕҲТАР КАРДАНИ ТАЪМИНОТИ ЭНЕРГЕТИКӢ МАЪЛУМОТ ПЕШНИҲОД ГАРДИД

Ба Сарвари давлати мо дар бораи тадбирҳои таъмини устувории низоми энергетикӣ дар шаҳри Тошканд маълумот дода шуд.

Дар пойтахт ҳам шумораи аҳолӣ ва ҳам миқёси бунёдкориҳо меафзоянд. Дар давоми як соли охир 12 ҳазор иншооти нав, аз ҷумла мағмааҳои савдо ва хидматрасонӣ ба истифода дода шуданд. Сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар шуда, истифодаи таҷҳизоти маишӣ афзоиш ёфтааст.

Ҳамаи ин омилҳо ба афзоиши истеъмоли энергия оварда мерасонанд. Бо дарназардошти ин, дар давоми ду соли охир барои рушди низоми таъминоти барқии шаҳри Тошканд 2,8 триллион сӯм равона карда шудааст. Дар доираи корҳои анҷомдодашуда 36 зеристгоҳ, 665 трансформатор ва беш аз 2 ҳазор километр шабакаҳо навсозӣ шудаанд.

Бо вуҷуди ин, то ҳол як қатор масъалаҳо ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Айни замон 46 зеристгоҳ ва 207 трансформатор бо бори изофӣ фаъолият мекунанд. Аз аввали сол шумораи истифодабарандагони неруи барқ дар шаҳр 40 ҳазор нафар афзуда, сатҳи талабот 6 фоиз зиёд шудааст.

Илова бар ин, агар қаблан давомнокии ҳавои фавқулодда гарм дар фасли тобистон аз як ҳафта нагузашта бошад, имсол он ба 20 рӯз расид. Дар натиҷа, дар моҳи июл сатҳи истеъмоли неруи барқ дар шаҳр аз 900 миллион киловатт-соат гузаштааст.

Ҳамаи ин ҳолатҳо зарурати идомаи ислоҳоти системавиро ба миён меоранд. Дар рафти тақдимот вазири энергетика нақшаҳоро аз рӯи ҳар як ноҳия ва маҳаллаи пойтахт муаррифӣ намуд.

Дар марҳалаи аввал, то поёни соли ҷорӣ, навсозии 374 километр шабакаҳо, 11 зеристгоҳ ва 62 трансформатор ба нақша гирифта шудааст. Дар соли 2026 бошад, навсозӣ боз 788 километр шабакаҳо, 35 зеристгоҳ ва 145 трансформаторро фаро хоҳад гирифт. Аз ҷумла, дар маҳаллаҳо трансформаторҳои фаъол ва шабакаҳои нав таъмир ва насб карда мешаванд.

Президент ба наздик омадани мавсими тирамоҳу зимистон ишора намуда, зарурати то 1 ноябр тибқи нақшаи ҷорӣ анҷом додани ҳамаи корҳоро таъкид кард.

Шахсони масъул ҳамчунин дар бораи тадбирҳо оид ба бехдошти устувори таъминоти қувваи барқ дар фасли сармо маълумот доданд.

Солҳои охир дар ҳамаи минтақаҳои кишвар иқтидорҳои истеҳсоли нерӯи барқ фаъолона афзоиш ёфта истодаанд. Ҳамзамон тадбирҳо ҷиҳати гузариши корхонаҳои саноатӣ ба манбаъҳои муқобили энергия андешида мешаванд. Аз ҷумла, то соли 2027 насби нерӯгоҳҳои офтобии барқӣ бо иқтидори 752 мегаватт ва иқтидорҳои захиравӣ бо ҳаҷми 812 мегаватт дар корхонаҳои бузург ва иншооти сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ба Президент ҳамчунин дар бораи ҷараёни корҳо дар соҳаи энергетикаи атомӣ маълумот пешниҳод гардид.

Тавре маълум аст, дар кишвари мо корҳои сохтмони нерӯгоҳи хурди атомӣ идома доранд. Ҳар як марҳилаи ин лоиҳа — аз тарҳрезӣ то ба истифода додан — зери назорати сахти Оҷонси байналмилалии нерӯи атом (МАГАТЭ) бо татбиқи талаботи пешрафтаи бехатарӣ анҷом дода мешавад.

Президент супориш дод, ки иншоотҳо тибқи муҳлат ва бо сифати баланд ба истифода дода шуда, иқтидорҳои устувори энергетикӣ фароҳам оварда шаванд. Ба Девони Вазирон супориш дода шуд, ки масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии энергетикаро ҳар ҳафта муҳокима намояд.

ЎзА.

Сармушовири Хадамоти аврупоии амалҳои хориҷӣ оид ба масолеҳи ҳаётан муҳим Люк Девинв дар остонаи 34-умин солгарди истиқлоли давлатӣ назари худро оид ба рушди муосири кишвари мо ва натиҷаҳои ислоҳоте, ки дар кишвар анҷом дода мешаванд, бо АИ «Дунё» баҳам дид:

ИСЛОҲОТ ДАР ӮЗБЕКИСТОН ХУСУСИЯТИ ҲАМАҶОНИБА ВА БЕБОЗГАШТ ПАЙДО КАРДААНД

Дар тӯли солҳои зиёд ман ба масъалаи ҳамкории ИА бо Ӯзбекистон машғул будам, аввал ҳамчун корманди Директорати генералии КИА оид ба савдо, баъдтар – дар хидмати дипломатии аврупоӣ фаъолият нишон додам.

Хушбахтона шоҳиди таҳаввулоти хеле мусбат ҳам дар худи Ӯзбекистон ва ҳам дар муносибатҳои он бо Иттиҳоди Аврупо шудам. Ҳарду раванд бо ҳам зич алоқаманданд. Пас аз ба ҳайси Президенти Ӯзбекистон дар соли 2016 интихоб шудани Шавкат Мирзиёев мо шоҳиди татбиқи стратегияи ислоҳоти васеъмиқёсе гардидем ва онро Иттиҳоди Аврупо бо чанд сабаб пурра дастгирӣ мекунад. Ин стратегия дар се самти муҳими асосӣ – барои худи Ӯзбекистон, барои минтақа ва барои муносибатҳои он бо Иттиҳоди Аврупо марҳилаи ҳалкунанда гардид.

Пеш аз ҳама, барои Ӯзбекистон ин як марҳилаи калидӣ гардид, зеро ки кишвар ба рӯзномаи ислоҳотӣ ҳам дар соҳаи сиёсӣ – барои пуштибонии демократия ва волоияти қонун ва ҳам дар соҳаи иқтисодӣ ниёз дошт. Рӯшодии иқтисодиёт ва волоияти қонун барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, ислоҳот дар ин соҳаҳо аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо қотеъона пуштибонӣ ёфтанд.

Иттиҳоди Аврупо ҳамчунин аз узвияти Ӯзбекистонро ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) пуштибонӣ мекунад ва умедворем, ки кишвар ба ин ҳадафи худ дар соли 2026 ноил мегардад.

Ислоҳот дар Ӯзбекистон хусусияти ҳамаҷониба ва бозгаштнопазир касб намудааст, ки ин ҳам барои муносибатҳои кишвар бо Иттиҳоди Аврупо ва ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ хеле муҳим мебошад.

Дидани он хушоянд аст, ки Ӯзбекистон дар солҳои охир, аз замони ба сари қудрат омадани Президент Шавкат Мирзиёев, босуръат рушд мекунад ва модернизатсия карда мешавад.

Дуюм, сиёсати нави Ӯзбекистон вазъиятро дар Осиёи Марказӣ тамоман тағйир дод. Ин ба шарофати тақвияти муносибатҳои ҳамсоягии нек бо ҳамаи кишварҳои минтақа имконпазир гардид. Ҳалли муштараки масъалаҳои марзӣ, боз шудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ байни кишварҳои минтақа, танзими масъалаҳои об натиҷаҳои мусбат буданд. Ба ҷои баҳсҳои гузашта, мо имрӯз шоҳиди рушди ҳамкории фаъол, аз ҷумла сармоягузорӣ дар амалисозии лои-ҳаҳои муштарак дар минтақа ҳастем.

Иттиҳоди Аврупо кӯшиш мекунад, ки ин равандҳои мусбати ҳамкории минтақавиро дастгирӣ намояд ва таҷрибаи худро дар самти ҳамгироӣ, ки ба ҳавасмандсозии савдо ва беҳбудии сатҳи зиндагии мардум равона шудааст, бо кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳам бинад.

Дар ин самт, баргузории Конфронс оид ба пайвастагии устувор байни ИА ва Осиёи Марказӣ дар шаҳри Самарқанд дар соли 2022 ва аввалин Саммити «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» дар моҳи апрели соли 2025 рӯйдодҳои назаррас буданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ҶАВОНОН ВА ҚОНУН»

Дар Маркази ҷавononи шаҳри Андиҷон марҳилаи вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Ҷавонон ва Қонун» баргузор гардид

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҷавонон дар ҷомеа, таъмини волоияти қонун, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ташаккули масунияти ҳуқуқӣ нисбати омилҳои манфие, ки ба тарбияи ҷавонон таъсири номатлуб мерасонанд ва бедор кардани ҳисси бемуросоӣ нисбати қонуншиканӣ озмун миёни ҷавononи синну соли 14-18 ва 18-30-сола баргузор гардид. Дар он дастаҳое ширкат варзиданд, ки дар марҳилаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии озмун ғолиб омада буданд.

Дастаҳои иштироккунанда донишу маҳорати ҳуқуқии худро дар асоси чор шарти муайян — «Пеналтии ҳуқуқӣ», «Мусобиқаи сарварон», «Донандагони Конститутсия» ва «Ташаббуси қонунгузории ман» ба озмун гузоштанд.

Баромади дастаҳо аз ҷониби ҳайати ҳакамон, ки аз мутахассисони суд, адлия, корҳои дохилӣ, Агентии корҳои ҷавонон, идораҳои вилоятии таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия ва дигар ташкилотҳои дахлдор иборат буд, баҳогузорӣ карда шуд.

Тибқи натиҷаҳои ниҳоии озмун, дар байни иштирокчиёни синни 14-18-сола дастаи «Адолат» аз ноҳияи Қўрғонтепа ва дар байни иштирокчиёни синни 18-30-сола дастаи «Ҷавони сиёсатмадор» аз ноҳияи Избоскан сазовори ҷойи аввал дониста шуданд. Онҳо ҳуқуқи ширкат дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмунро ба даст оварданд.

Голибон ва ҷоизадорони озмун аз ҷониби ташкилкунандагон бо диплом ва туҳфаҳои ёдгорӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ф. УБАЙДУЛЛАЕВ,
мухбири ЎзА.
Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ.
(ЎзА).

ДАР КУРОРТИ КӮҲИИ МАЙДАНАК КОРҲОИ СОХТМОН ДАВОМ МЕКУНАНД

Пештар бинобар қарори роҳбари давлат аз 28 ноябри соли 2023 дар пойгоҳи обсерваторияи «Майданак»-и ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё оиди барпо кардани минтақаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва курорти умумимавсимии байналхалқӣ маълумот дода будем.

Аснои сафари хидматии навбатӣ низ бо мақсади аз наздик шинос шудан ба корҳои сохтмонию ободгардонӣ боз роҳи мавзеи кӯҳии Майданакро пеш гирифтем.

Тавассути телескоп асрори коинотро тамошо кардан ба бисёр касон орзуст.

Ин обсерватория, ки молик ба аҳамияти калони илмист, пештар дар давоми солҳои дароз ба тарзи махфӣ фаъолият мебурд. Ҳоло дарҳои он барои умум боз мебошад.

– Алъон тавассути телескоп сайёҳон метавонанд ба технологияҳои лазерӣ шинос шаванд, чараёнҳои аниқсозии ченакҳои ситораҳои наздикро бо чашми худ бинанд, – мегӯяд сармутахассиси маркази сайёҳии баландкӯҳи Майданак Алишер Рӯзиқулов. – Ҳоло ду телескопи калон нурра аз таъмир бароварда шуда, яке барои тадқиқотҳои илмӣ, дувумӣ ба сифати музей ба истифода супурда мешавад.



Қабули сайёҳон аз ибтидои соли 2026 ба нақша даромадааст.

Ин обсерватория, ки аз ҷиҳати астроклиматӣ дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол мекунад, нафақат дар сайёҳӣ, балки баҳри баланд бардоштани салоҳияти илму фан низ аҳамияти муҳим касб менамояд. Айни замон дар объект корҳои васеи навсозӣ пеш бурда мешавад.

– Корҳои сохтмон давра ба давра дар давоми се сол ба амал бароварда мешаванд, – мегӯяд менеҷери лоиҳа Севдор Набиҷонов.

Дар давоми соли 2024 ба ҳудуд 1,5 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ ва 24 ҳазор нафар сайёҳони маҳаллӣ ташриф оварда бошанд, мувофиқи лоиҳаи мазкури Майданак интизор меравад миқдори сайёҳони хориҷӣ ба 10 ҳазор, сайёҳони маҳаллӣ ба 54 ҳазор нафар расонда шавад.

Ӯлмас БАРОТОВ, мухбири ӮзА.
Суратгир: Ҷ.НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).

СУБОТИ ОИЛАВӢ БА РАВИШҲОИ НАВИ ПСИХОЛОГӢ ВА ТАДБИРҲОИ САМАРАНОК НИЁЗ ДОРАД

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахшида ба масоили ҷилавгирӣ аз низоъҳои оилавӣ ва талоқ, инчунин роҳандозии хидматрасониҳои равоншиносӣ ҷиҳати баланд бардоштани масъулият дар тарбияи фарзанд мулоқот баргузор гардид.

Муовини Сарвазир – раиси Кумитаи кор бо занон ва оила Зулайхо Маҳкамова таъкид намуд, ки пешгирии талоқ ва таъмин намудани муҳити солими оилавӣ имрӯз ба яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарра табдил ёфтааст.

Тибқи маълумоти дар ҷаласа ироашуда, омилҳои асосии талоқ чунин зикр шуданд: дахолати шахсони сеюм (15 фоиз), омодагии нокофӣ ба никоҳ (14 фоиз), бефарзандӣ (11 фоиз), муҳоҷират ва дурӣ аз зиндагии якҷоя (10 фоиз).

Дар натиҷаи чунин ҳолатҳои нохуш 17 ҳазору 13 кӯдак бе падар ё модар мондаанд. Гуфта шуд, ки афзоиши шумораи талоқҳо ба суботи ҷомеа низ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.

Иштирокчиёни мулоқот як қатор тадбирҳои муҳимро барои рафъи мушкилоти мавҷуда ва ташаккули оилаҳои солиму устувор дар ҷомеа муайян карданд. Аз ҷумла, зарурати ба роҳ мондани низоми боэътимоду самараноки хидматрасониҳои равоншиносӣ дар ҳар як маҳалла ва фароҳам овардани курсҳои омодагӣ ба никоҳ барои ҷавонон бо мақсади омодасозии онҳо ба сахтиҳои ҳаёт таъкид гардид.

Ҳамзамон, аҳамияти ҳарчи зудтар ошкор намудани ҳолатҳои моил ба низоъ ва талоқ дар оилаҳо, расонидани ёрии равонӣ ва чораҳои пешгирикунанда, баланд бардоштани донишу малакаи равоншиносони дар мактабҳо фаъолияткунанда, таҳияи дастурҳои методӣ, ҷалби волидон ба корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ дар рӯҳияи муносибатҳои оилавӣ, тарбияи фарзанд ва таҳаммулпазирӣ қайд карда шуд.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки тавассути «Марказҳои оила ва занон», ки дар саросари ҷумҳурӣ ташкил ёфтаанд, то имрӯз 10 ҳазору 89 оилаи дар ҳолати низоъ қарордошта ба оштӣ оварда шудаанд ва ба 10 ҳазору 100 зан кумаки равонӣ ва дастгирии психологӣ расонида шудааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки хидматҳои равонӣ то чӣ андоза муассир ва дар зиндагӣ муҳим ҳастанд.

– Имрӯз мо бояд барои ҳифз ва таҳкими сутуни асосии ҷомеа – яъне оила, тадбирҳои дақиқ ва самаранок амалӣ намоем, – изҳор дошт Зулайхо Маҳкамова. – Ҳар як фарзанд бояд дар муҳити солим ба камол расад, ҳар як зан худро муҳофизатшуда ва дастгиришуда эҳсос намояд. Дар ин самт аз ҳамаи мо ҳамдилӣ, касбият дар муносибат ва аз ҳама муҳимаш, амал бо эҳсоси самимӣ талаб карда мешавад.

Дар анҷоми ҳамоиш ба вазорату идораҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас супорида шуданд. Қарор шуд, ки гурӯҳҳои махсуси корӣ дар миқёси ҷумҳурӣ таъсис ёбанд, сифати хидматрасониҳои равонӣ дар ҳар як минтақа боз ҳам беҳтар карда ва дар ҳалли мушкилоти оилавӣ меъёрҳои илмӣ, амалӣ ва инсонпарварона ба таври густурда ба кор бурда шаванд.

Назокат УСМОНОВА, мухбири ӮзА.

Соли 1975 дар соҳили рӯди Зарафшон мамнӯъгоҳ ташкил ёфта буд, ки баъдан ба боғи миллӣ мубаддал гардид. Бояд гуфт, ки дар тӯли солҳои сипаришуда боғ манзили зисти парранда ва ҳайвоноти ваҳшӣ буда, таҳти назорат ва ҳимояти табиатдӯстон қарор дорад.

БОҒИ МИЛЛИИ ЗАРАФШОН 50-СОЛА ШУД

– Боғи мазкур на танҳо ҳудуди дар ҳимояти инсон аст, балки боз мавзеъест, ки аз он нафаси ҳаётбахши рӯди Зарафшон мерасад, – мегӯяд профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Флора Қобилова, ки инак чанд муддат вазифаи ходими илмии боғи миллиро низ дар ӯҳда дорад. – Ба мо бовару эътимод намуда на танҳо минтақа ва дарёи ҳаётбахш, инчунин ҷангалзору паррандаҳо ва ҳайвоноти нодиру камёби Китоби сурхро ҳам додаанд. Аз ин рӯ, барои мо ҳам қарзу ҳам фарз аст, ки ин табиати зеборо на танҳо барои тадқиқоти илмӣ, балки барои насли оянда низ ҳифз намоем.

Бо қарори Девони Вазирон ҳудуди боғ ба 2 ҳазору 800 гектар афзуда, майдони умумиаш ба 5 ҳазору 234 гектар расид.

Боиси хушнудист, ки дар боғи миллӣ 150 сар оҳуи Бухоро (хонгул), мурғи даштӣ (тазарв), сагобии Осиёи Миёна, ҷайра, ҷуғзу калхот ва дигар навъи парранда ва ҳайвоноти ваҳшӣ мавҷуданд.

– Ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои давлатӣ ва кишоварзии Самарқанд, созмонҳои байналмилалии экологӣ сол то сол ривоҷу равнақ меёбад, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд ҷонишини директори боғи миллӣ оид ба корҳои илмӣ Наталия Мармазинская. – Кӯшиш мекунем, ки олами рустанӣ ва паррандагону ҳайвоноти нодиру ваҳширо пурра омӯзем ва онҳоро барои насли оянда нигоҳ дорем. Аммо бо вуҷуди комёбиҳои назаррас муаммоҳои ҳалталаб низ мавҷуданд. Агар пештар минтақаҳои моро барои чорвопарварӣ истифода бурда, паррандагону ҳайвоноти камёби Китоби сурхро несту нобуд мекарданд, ҳоло рустӣ аз дарё қуму шағалро мегиранд, ки дар натиҷа сатҳи он паст рафта, ҳусни табиат коҳиш меёбад.

Боз як муаммо, аз ҳудуди боғ гузаштани роҳи оҳан мебошад, ки ба омадану рафтани паррандагону ҳайвоноти ваҳшӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз фурсат истифода бурда, ба фаъолони гурӯҳи ташаббускори «Самарқандро эҳё мекунем», миннатдорӣ изҳор менамоем. Маҳз онҳо нисбати ашхосе, ки мехоҳанд бо дастгирии баъзе шахсони мансабдор, бо ҳар роҳу восита замини моро аз худ кунанд, муборизаи тезу тунд мебаранд. Умедворем, ки гурӯҳи мазкур барои эҳёи боғи миллӣ дар оянда низ хидмати шоиста мекунад.

Баҳодури ЗОҲИР.
Вилояти САМАРҚАНД.

ИСЛОҲОТ ДАР ӮЗБЕКИСТОН ХУСУСИЯТИ ҲАМАҶОНИБА ВА БЕБОЗГАШТ ПАЙДО КАРДААНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мо хеле шодем, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Ӯзбекистон, ба рушди муносибатҳо бо Аврупо манфиатдор мебошанд. Иттиҳоди Аврупо барои рушди масири байналмилалии нақлиётии Транскаспий 10 миллиард евро ҷудо мекунад, то ки савдоро дастгирӣ ва иртиботи устувор байни Осиёи Марказӣ ва Аврупо тавассути Туркияро таъмин намояд. Омилҳои мусоид дар ин ҷода инчунин равандҳои мусбат дар минтақаи Қафқоз, аз ҷумла бехъбуди муносибатҳо байни Озарбойҷон ва Арманистон мебошанд. Ҳамаи ин ба афзалиятҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла рушди савдои байниминтақавӣ, кушодани сарҳадҳо ва ташаккули долонҳои нақлиётӣ ҷавобгӯянд.

Сеюм, мехостам махсусан равандҳои мусбати ҳамкориҳои байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупоро қайд намоям. Ислоҳоте, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев оғоз гардидаанд, дар ин раванд нақши ҳалкунанда бозиданд.

Аз ҷумла, ба туфайли чунин қадамҳои муҳим, чун решакан кардани меҳнати кӯдакона ва ичборӣ, роҳандозии ҳамкории самарабахш бо Созмони байналмилалии меҳнат, солии 2021 ба Ӯзбекистон мақоми кишвари бенефитсиар дар доираи низоми умумиҷаҳонии преференсияҳои плюс (GSP+) Иттиҳоди Аврупо дода шуд. Дар доираи ин низом, Ӯзбекистон ҳуқуқ пайдо кард, ки 6200 номгӯи молро ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бо риояи ӯҳдадориҳои конвенсияҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон, стандартҳои меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самаранок бидуни пардохти боҷи гумрукӣ содир намояд.

Муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо Ӯзбекистон бо як рӯҳияи мусбат рушд мекунанд, ки ба андозае ки ҳарду ҷониб тасмим гирифтанд, онҳоро ба сатҳи тамоман нав бароранд ва Созишномаи шарикии васеъшуда ва ҳамкориро ба имзо расонанд. Ин санад аллакай тарафгузорӣ шуда, интизор меравад, ки дар вақти сафари қарибулвуқӯи Президент Шавкат Мирзиёев ба шахри Брюссел ба таври расмӣ ба имзо расад. Ин рӯйдод на танҳо ба амиқ шудани муносибатҳои дуҷониба миёни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо мусоидат хоҳад кард, балки самтҳои нави ҳамкории тарафайн ва судмандро низ ба таври назаррас тавсеа хоҳад дод.

Дар фарҷом мехоҳам боз як бор таъкид намоям, ки муносибатҳои Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо бо натиҷаҳои назаррас рушд мекунанд ва рӯз то рӯз беҳтар мешаванд. Мо умедворем, ки равобити мо боз ҳам мустаҳкамтар ва комилтар хоҳанд гашт.

Дар ҷараёни Саммити «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» дар шаҳри Самарқанд Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ташаббусҳоеро бори тақвияти ҳамкорӣ миёни минтақа ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи рушди устувор пешниҳод намуд. Ин барои мо як сигнали мусбат гардид, ки ҳар ду ҷониб — ҳам Иттиҳоди Аврупо ва ҳам Осиёи Марказӣ аз таҳкими чунин ҳамкорӣ манфиатдор ҳастанд.

АИ «Дунё»,
ш. БРЮССЕЛ.

МАЪЮБОН ҲАМЕША ТАҲТИ ҲИМОЯ ҚАРОР ДОРАНД

Ҳоло дар вилояти Фарғона 87 ҳазору 230 нафар маъюбон зиндагӣ мекунанд, ки 14 ҳазору 434 нафарашон маъюбони ноболиғанд. Дар байни онҳо 2 ҳазору 970 нафарро пиронсолон ва маъюбони танҳову муҳтоҷ ташкил менамоянд. 351 нафар кормандони соҳаи иҷтимоӣ ба ҷамъи маъюбон дар хонаи онҳо хидмати иҷтимоӣ мерасонанд.

Қобили зикр аст, ки бо таҷҳизоти барқарорсозӣ ва асбобҳои протезию ортопедӣ таъмин кардани ниёзмандон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷӯҳ қарор дорад. Ба таври мисол, ба маъюбони ниёзманд аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 874 маснуоти протезию ортопедӣ, 50 аробачаи барқӣ дода шудааст. Илова бар ин, барои таъмини пиронсолону маъюбони мустақар дар хонаҳои «Саховат» ва «Мурувват» бо маводи ғизоӣ, доруворӣ ва воситаҳои гигиенаи шахсӣ беш аз 10 миллиард сӯм ихтисос дода шудааст.

Яке аз дафтарҳои минтақавии Ҷамъияти маъюбони мамлакат дар ноҳияи Сӯх воқеъ гаштааст. Зимни суҳбат бо раиси он Баҳодур Болтаев маълум шуд, ки 2 ҳазору 188 нафар шаҳрвандони маъюб ба қайд гирифта шудаанд. Аз рӯи мансубияти ҷинсӣ 975 нафарро занҳо ва 1 ҳазору 213 нафарро мардҳо, 440 нафарро шахсони то 17-сола ташкил мекунанд.

– Агар давраи тоҳисоботии нимсоларо ташреҳ карданӣ бошам, ба 2 нафар маъюбон касб омӯзонидем, ширкати 10 нафар маъюбонро дар мусобиқаҳои шоҳмоту шашка ва маҳфилҳои гуногуни варзишӣ таъмин намудем. Мо аз ҳамкорони ҳамешагии худ – ҳокимияти ноҳия, Ҳизби халқӣ-демократӣ ва Раёсати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ноҳия хеле хурсандем. Ҷамъияти маъюбони ноҳия бо кумаки ин ташкилотҳо 80 объектро зери назорати худ гирифтааст, – мегӯяд Баҳодур.

То ин муддати соли равон дастҷамъона ба манзили 283 нафар маъюб ташриф овардаву баъди аёдат аъзои ин хонаводаҳоро бо хӯрокворӣ таъмин намудаанд. Гузашта аз ин, барои аз муоинаи тиббӣ гузаронидани 410 нафар маъюбон мусоидат кардаанд. Бахшида ба Рӯзи бонувон бо мусоидати ҳокимияти ноҳия барои занону духтарон дар тӯйхонаи «Соҳил» чорабинии идона баргузор шудааст, ки дар он 20 нафар занону духтарони маъюб даъват шуда, бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

– Аъзоёни ин қишри ҷомеа дар тамоми чорабиниҳое низ ширкат мекунанд, ки ба муносибати ҷашни «Наврӯз», иди Рамазон ва амсоли он роҳандозӣ мегарданд. Мо дар ҳамкорӣ бо Бунёди ҷамъиятии хайрияи маҳаллаи ноҳия ва Маркази хидматрасонии иҷтимоии аҳолии ноҳия мушкилоти онҳоро омӯхта, зимни пеш омадани зарурат ёрӣ мерасонем. Бо мақсади таъмини ҳаракати озоди маъюбон ва фароҳам овардани шароит барои онҳо як қатор корҳоро ба сомон расонидем, – иброз дошт раиси шуъбаи ноҳиявӣ.

Онҳо аз автобусҳое, км мусофиронро ба манзил мерасонад, ройгон истифода мекунанд. Инчунин ҳангоми истифода аз микроавтобусҳои мусофиркашон бенавбат шомили он мешаванд.

– Оё дар ноҳия аз зумраи соҳибкорон шахсонеро номбар карда метавонед, ки ба маъюбон мунтазам кумак мерасонанд, дар рӯзҳои иду чорабиниҳо аз ҳолашон хабар мегиранд?

– Албатта, пеш аз ҳама меҳмон номи соҳибкор Валиҷон Тӯйчиевро ба забон оварам. Зеро вай соҳибкори дасткушод аст ва ҳамеша аз маъюбон муроҷибат мекунад. Аз ҷумла, вай ба муносибати ҷашни «Наврӯз» ба аёдати 15 нафар маъюбон, ки бистарианд, рафта, ба ҳар кадоми онҳо маводи озуқа тақсим намуд. Ба ин иқдоми наҷиби Валиҷон соҳибкорони дигар низ пайвастанд ва аз ҳисоби онҳо барои маъюбон 50 килограмм гӯшт ва 10 адад равғани панҷлитрӣ дастрас карда шуд.

Дар солҳои охир ҳар як раис ва дастандаркорони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳалла ба ҳамкорони беғаразу доимии Ҷамъияти маъюбони ноҳия табдил ёфтаанд. Онҳо мунтазам аз ҳоли маъюбон хабар мегиранд, дар ҳалли мушкилоташон кумакҳои фаврӣ мерасонанд. Сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳазрати Алӣ маъюби гурӯҳи 1-ум Гулрухсор Шукурова дар озмуни ҷумҳуриявии муҳаққиқони ҷавон ширкат намуда, сазовори ҷойи авval гашт, медали тилло ба даст овардааст.

Боз боиси ифтихор аст, ки аз ноҳия 3 нафар кӯдакони маъюб дар озмуни вилоятии рассомон ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Онҳо Ш. Бобоашуровааи 11-сола, Х. Шодиеви 14-сола ва К. Қодиралиеви 15-сола мебошанд.

– Вақте ки ҳайати доварон ба ғолибони озмун ҷоизаҳои ифтихорӣ ва туҳфаҳо месупурданд, ҳиссу ҳаяҷони кӯдакони маъюбро дида, аз дидаҳои атрофиён ашк ҷорӣ шуд. Зеро баъзеи онҳо ба кашидани суратҳое даст зада буданд, ки шояд шахсони дигари сиҳатманд бо мушкилӣ аз ӯҳдаи он бароянд, – тазаккур дод Б. Болтаев.

Аз гуфтаҳои раис бармеояд, ки дар айни ҳол 5 нафар маъюбон ба амалиёти ҷиддии ҷарроҳӣ ниёз доранд ва он дар яке аз клиникаҳои пойтахт анҷом дода мешавад. Агар ин амалиёти ҷарроҳӣ муваффақона анҷомад, ин кӯдакон ба ҳаёт дубора бармегарданд.

– Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, таъмини иштироки ҳамаҷонибаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, дастгирии моддию маънавӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид аз аблавияти вазифаҳои моро ташкил медиҳанд ва барои иҷрои он бо ҷидду ҷаҳд саъй ва талош ба харҷ медиҳем. Хусусан, таъмини чанд нафар маъюб бо воситаҳои махсус (аробачаҳои худрав, дастгоҳҳои ёрирасон ва ғ.), ташкили чорабиниҳои тавонбахшӣ, фароғатӣ ва фарҳангӣ барои кӯдакон ва пиронсолон, амалӣ намудани лоиҳаҳои мақсаднок дар ҳамкорӣ бо бахшҳои тандурустӣ, маориф ва шуғли аҳолӣ аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки то охири сол анҷом хоҳем дод, – мегӯяд Баҳродур Болтаев.

Дарвоқеъ, муроқибати доимӣ аз маъюбони синну соли гуногун натанҳо аз самтҳои муҳими сиёсати давлатист, балки ифодаи равшани инсондӯстию дилсӯзӣ нисбати шахсоне мебошад, ки дорои имкониятҳои маҳдуд мебошанд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

ХАБАРҲО

Эҳтиёткор бошем

Солимӣ ва тансиҳатии инсон ба бисёр омилҳо вобаста аст. Яке аз онҳо хӯроквории босифат мебошад. Сифати таом, яъне хӯрокворӣ бояд ба талаботи санитарӣ, ветеринарӣ ва фитосанитарӣ ҷавобгӯ бошад. Дар ҳамин ҳолат солимӣ ва тансиҳатии инсон таъмин мегардад.

Бисёр ба мушоҳида мерасад, ки қадқади шоҳроҳҳо ва дохили бозору роҳҳои пиёдагард шахсони алоҳида айрон ва дигар нӯшокиҳои дар шароити хона омодашударо пешкаши одамон мекунанд. Бештар ба мушоҳида мерасад, ки маҳсулоти аз шир тайёр кардаро чун ҷурғот, гӯҷаро бе ҳеҷ гуна кафолати сифатнокӣ ва рухсатнома мефурӯшанд. Бо ин гуна «соҳибкорон» кормандони идораи кумитаи санитарӣ-эпидемологии вилояти Навоӣ дар манзилҳои номбурда дар мулоқот шуда, мунтазам корҳои профилактикӣ пеш мебаранд.

Аз шоҳроҳи М-37 ноҳияи Кармана ҳар рӯз ҳазорҳо воситаҳои нақлиёт мегузарад. Дар рӯзҳои гарми тобистон ҳама ҳам мехоҳад аз истеъмоли айрони бомазаи сард роҳат барад. Мусофир оё медонад, ки таркиби он маҳсулот тоза аст ё дар гармии ҳаво хусусиятҳои табииашро гум накардааст? Ҳамин ҳолатро дар назар дошта, кормандони соҳаи санитарӣ-эпидемиологӣ корҳои назоратиро пеш мебаранд.

Чунки таркиби маҳсулоти аз назорати лабораторӣ нагузашта ба саломатии инсон хавф пеш меорад, ба пайдоиши бемориҳои гуногун сабаб мегардад, ки баъзан омили оқибатҳои нохуш мешаванд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Чорабиниҳои «30 рӯзи зарбдор» дар парвариши ғӯза

Дар ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона 147 хоҷагии фермерӣ фаъолият мекунад. Ҳоло деҳқononи ин хоҷагиҳо дар 4 ҳазору 850 гектар ба парвариши кишти пахта машғуланд. Тибқи шартнома соли равон онҳо ба хирман 21 ҳазору 150 тонна пахтаи хушсифат месупоранд, ки нисбат ба соли гузашта 100 тонна зиёд аст.

Барои иҷрои ин нақша деҳқонон аз фурсати ғанимат фаровон истифода мебаранд. Дар ин рӯзҳо ниҳолҳои пахта бар асоси агротехникаи замонавӣ парвариш меёбанд ва рӯз аз рӯз ба ҳосили он ҳосил зам мегардад.

– Деҳқononи ноҳияи мо таҳти шиори «30 рӯзи долузарб» мардонавор меҳнат мекунанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Дилшодҷон Ҷалилов. – Барои ҳамаи хоҷагиҳои фермерӣ «Харитаи роҳ» тартиб дода шудааст. Инчунин мо аз таҷрибаи деҳқononи пухтакор босамар истифода мебарем, маслиҳату машварат мегирем. Миробҳои ҳар як хоҷагии фермерӣ аз об сарфаркорона истифода мебаранд ва рӯзҳои офтобиро ғанимат шуморида, барои рӯёнидани ҳосили гаронбаҳо зарбдорона меҳнат мекунанд. Ҳамаи хоҷагиҳои фермерӣ бо нуриҳои минералӣ ва маводи дигари зарурӣ таъмин карда шудаанд.

Бо эътимоди ҷавӣ метавон гуфт, ки иҷрои нақшаи шартномавии солона бо сарбаландӣ таъмин хоҳад шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Кумак ба оилаҳои эҳтиёҷманд

Истиқоматкунандагони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Мустақиллик»-и шаҳри Когон – зану шавҳар Илҳом Рӯзметов ва Маъмура Рӯзметова дар сомеа ва нутқашон норасоӣ доранд.

Онҳо дар сектори хусусӣ кор карда, бори зиндагӣ мекашанд. Ду фарзанди эшон шомили рӯйхати оилаҳои муҳтоҷи дастгирӣ шудаанд. Бо ташаббуси корманди иҷтимоӣ аъзоёни оила борҳо кумаки моддӣ гирифтаанд. Аз ҷумла фарзандон барои дарстайёркунӣ соҳиби мизу курсӣ шуда, барои пардохти истеъмоли барқ ҷубронпулӣ мегиранд.

Бошандагони ин ҳудуд Нигина Сайфуллоева ва духтари вай низ аз ҳамин гуна кумаки иҷтимоӣ баҳраманд шудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар вилоят 68083 нафар барои дастрас намудани ҷуброни пардохти энергияи электр муроҷиат карда, 9715 нафари онҳо аз 170 миллион сӯм ҷубронпулӣ манфиатдор гаштаанд.

Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ БАР ЗИДДИ ГАРМШАВИИ ГЛОБАЛӢ

Гармшавӣ як ҷузъи мушкилоти тағйирёбии иқлим буда, талаби асосии ҳалли ин мушкилот, пеш аз ҳама, омӯхтани сабаби ба вуқӯъ омадан ва бо диққат муносибат кардан ба он мебошад. Аз ҷумла, мо чун як шаҳрванд аз ӯҳдаи сарфа кардани об, ҳифзи дарахтону кабудизорҳо ва дигар вазифаҳо баромада метавонем.

Ва боз агар масъулон ба вазифаи худ аз паси панҷа нанигаранд, ба масъалаи боздоштани ҳаракати нақлиёти бесифат, кам кардани ҳаҷми партов ва дуди заводу фабрикаҳо, ки омили пайдоиши бемориҳо мебошад ва нисбати ташкилотҳои бинокорие, ки бераҳмона дарахтонро мебуранд, чораҳои ҷиддиву қатъӣ андешанд, ин ҳам барои ҷамъият ва ҳам барои табиат фоидабахш мешуд.

Дар ҳоле ки гармшавӣ ба мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст, ҷомеаи ҷаҳон ба он чӣ гуна муносибат мекунад? Роҳҳои мубориза бар зидди онро аз кучо бояд ҷуст? Албатта, дар чунин ҳолат омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ аз манфиат холӣ нест.

Пӯшида нест, ки ҳавопаймоҳои бесарнишин (дронҳо) на танҳо барои мақсадҳои ҳарбӣ, балки дар бисёр соҳаҳои дигар низ самаранок истифода мешаванд. Истифодаи дронҳо дар мамлакатҳои дунё аз сабабе, ки онҳо осон истифода мешаванду қулаиҳои зиёд низ доранд, густариш меёбад. Мисолан, соҳаи хоҷагии қишлоқро гирем, имрӯзҳо вазифаи аз кайҳон аккосӣ шудани дашту саҳро, назорати ҳолати киштзор, пошидани нуриҳои маъданӣ ва доруҳои зидди ҳашароти зараррасон, арзёбии ҳосилнокӣ ва ғайра тавассути дронҳо амалӣ мегардад. Инчунин, соҳаи экология ва ҳифзи муҳити атроф низ имкони истифодаи васеи дронҳоро дорад.

Дар ин самт, ҳавопаймоҳои бесарнишин барои мониторинги ҳайвонот, ҳифзи ҷангалҳо аз сӯхтор ва қӯруқшиканҳо, таҳлили ҳолати экосистема, аксбардории ҷангалҳо, ботлоқу соҳилҳо истифода мешаванд. Масалан, Фонди ҷаҳонии табиати ёбоӣ ҳоло дар Африқо аз дронҳо барои назорати филҳо ва каркадонҳо истифода мебарад.

Яке аз олими соҳа аз Австралия С. Грэм ҳавопаймои бесарнишинеро офарид, ки дар як рӯз то 100 ҳазор дона тухми ниҳолро шинонда, дар мубориза бар зидди нест кардани ҷангал кумак мерасонад. Дар минтақаҳои душворгузар чунин дронҳо метавонад дар як сол то як миллиард бех дарахт шинонад ва дар коҳиш додани буридани дарахтҳо дар ҷангал кумак расонад.

Чунин дронҳо ба тарзи ҷамоавӣ фаъолият мебаранд, аз ҷумла, аввалин ҳавопаймои бесарнишин ҳолати заминро (сканер) меомӯзад, харитаи ин минтақаро тартиб медиҳад ва аз алгоритмҳои махсус истифода бурда, ҳосилнокии замин, сатҳи об ва ғайраро муайян месозад. Пас, ҳавопаймои дувум фиристода мешавад, ки дар асоси маълумоти харитасозии ҳавопаймои аввал, дар як масири мушаххас парвоз мекунад ва кори шинондани тухмии дарахтонро анҷом медиҳад.

Дрони дуюм метавонад дар як парвоз то 150 капсулаи тухмиро интиқол диҳад. Ин капсулаҳо ҳангоми ба замин афтодан пора-пора мешаванд ва қабати серғизо мебароранд, ки сабзиши оптималии тухмҳоро таъмин мекунад. Капсулаҳо дорои якчанд намуди дарахт буда, вобаста ба давраи нашъунамои ҳар як намуди дарахт аз ҳам чудо мешаванд. Ин ба талаф шудани тухмӣ роҳ намедиҳад.

Ҳоло чунин дронҳо аз санҷишҳо бомуваффақият гузаштаанд ва ширкати BioCarbon Engineering, воқеъ дар Оксфорди Британиё, истеҳсол ва фурӯши онро ба роҳ мондааст.

Солҳои охир бо ташаббуси Сарвари давлатамон дарахтшинонӣ дар кишвари мо ба як ҳаракати умумихалқӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумла, фармони Президент «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд баланд бардоштани сатҳи кабудизоркунӣ дар ҷумҳурӣ ва таъмини устувории экологӣ тавассути татбиқи мунтазами лоиҳаи миллии «Макони сабз» заминаи муҳими таъмини устувории экологӣ мебошад. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ҳамасола дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ тақрибан 200 миллион бех дарахту бутта шинонида, боғҳои калон бунёд карда мешаванд.

Вале мо бо назардошти таҷрибаи пешқадами хоричӣ чунин корҳои хайрро дар оянда ба дараҷаи боз ҳам васеътар ба роҳ монда метавонем. Пеш аз ҳама лозим аст, ки харитаи амиқи майдонҳои дарахтшинонӣ муқаррар карда шавад. Азбаски дар маркази шаҳрҳо ниҳолҳо солона такроран шинонда мешаванду дар онҷо ҷойи холӣ қариб намондааст, бояд дар талу тепаҳои дастнорас, нишебии кӯҳҳо, биёбону даштҳо дарахтзорҳо барпо кард. Дар ин ҷараён истифода бурдани технологияи нав, аз ҷумла дронҳои С.Грем, натиҷаи хуб медиҳад.

***

20-30 сол қабл меҳмононе, ки аз мавзеъҳои гуногуни мамлакатамон ба пойтахт меомаданд зебоӣ ва салқинии ҳавои Тошкандро таъриф мекарданд. Ҳоло чӣ? Баробари ба шаҳр даромадан ҳис мекунед, ки гӯё ба танӯри тафсон наздик шуда истодаед.

Имрӯз, ки гармшавии глобалӣ ба тамоми ҷаҳон таъсири худро мерасонад, буридани дарахтон дар маҳалҳои пойтахт ва маркази вилоятҳо, оташ гирифтани арчазорҳо дар ноҳияҳои кӯҳӣ мардумро нигарон кардааст.

Пӯшида нест, ки дар кишвари мо ҳангоми сохтмони биноҳо буридани дарахтон кори маъмулӣ шудааст. Дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон бошад, ба табиат бо эҳтироми бузург муносибат мекунанд, масалан, дар Ҷопон барои зиндаву нашъунумӯъ ёфтани ҳар як дарахт ба он чун ба як шаҳрванд шиноснома дода мешавад, яъне чӣ қадар дарахт доштани мавзеъҳо ба ҳисоб гирифта шудааст. Танҳо дар Токио зиёда аз 650 ҳазор бех дарахти кӯча, зиёда аз 1,5 миллион дарахти боғу марғзор, беш аз 450 миллион дарахти ҷангал мавҷуд аст. Беш аз 40 фоизи майдони Токиоро дарахтон ва сабзаҳо ташкил медиҳад. Бинокорон омада, мисли «чашмикордонҳои мо» дарахтонро бурида наметавонанд...

Дар чандин мамлакати дунё ҳатмист, ки ҳангоми сохтани биноҳо дарахтонро набуранд, биноро дар майдони кушод бунёд карда, як миқдор дарахт шинонанд, як қисм майдони муайян — сакф, ҳавлӣ ва гирду атрофи биноро ба майдони сабзи пур аз гул табдил диҳанд. Агар ин талабот риоя карда нашавад, бино корношоям дониста мешавад.

Албатта, шаҳрҳо обод ва зебо бояд бошанд, аммо биноҳои замонавӣ дар онҳо бояд мувофиқи талаботи шаҳрсозӣ сохта шаванд. Дар мамлакатҳои рушдёфтаи дунё мувофиқи талаботи ҳукумат боғҳо барпо карда мешаванд. Шумо метавонед дар минтақаи дилхоҳ боғи хушманзарро пайдо карда, истироҳат кунед.

Умуман, васеъ намудани майдонҳои сабзу хуррам, ҳифзи табиат ва муҳити зист яке аз масъалаҳои муҳими ҷамъият ба шумор меравад. Бо ёрии ҳавопаймоҳои бесарнишин шинондани миллионҳо бех дарахт барои пок нигоҳ доштани табиат, ба наслҳои оянда дар ҳолати табиӣ ва соф мерос гузоштани он замина фароҳам меорад.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Камолиддин ШАРОПОВ,
донишҷӯйи Донишгоҳи Инха дар шаҳри Тошканд.

«Хонадони обод – кӯчаи обод – маҳаллаи обод»

ОБОДӢ – ДАР МАРКАЗИ ДИҚҚАТ

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки бар асоси тамоюли «Хонадони обод – кӯчаи обод – маҳаллаи обод» ба роҳ монда шудаанд, корҳои омӯзиши иҷрои ин чорабиниҳо дар маҳаллаи «Учқизил»-и ноҳияи Тирмиз идома доранд.

Бо супориши роҳбари вилоят дар маҳалла иҷрои корҳо ба мисли асфалтпӯшкунии 4,8 километр роҳ, насби 2 нуқтаи трансформатор, гузоштани 186 сутуни бетонӣ, кашидани 4,6 километр шабакаи барқ, насби 2 агрегати насосӣ ва бетон кардани 4 километр ҷӯйбор, инчунин ободонии кӯчаҳо ва табдил додани он ба минтақаи тоза ва бепартов ба нақша гирифта шудааст.

Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов бо ҷараёни корҳо дар маҳал ва наздик шинос шуд. Дар кӯчаҳои маҳалла гаштугузор карда, бо ҳамроҳии пиронсолон ва фаъолон мушкилот дар ҷойи худ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

То ба имрӯз 2,4 километр роҳи дохилӣ асфалтпӯш карда шудааст, агрегатҳои насосӣ ва сутунҳои бетонӣ насб гардида, шабакаҳои барқ кашида ва чӯйборҳо бетон карда шудаанд. Ҳамзамон, корҳои сохтмони нуқтаи трансформаторӣ идома доранд.

Бо вуҷуди ин, таъкид гардид, ки дар иҷрои корҳои ободонӣ, сари вақт бароварданд партов ва дигар чорабиниҳо камбудиҳо ба мушоҳида расидаанд. Аз ин лиҳоз, ба масъулони дахлдор супоришҳои дақиқ дода шуд, то корҳои асфалтпӯшкунӣ, тоза кардани партов, ободонӣ, инчунин бехтар намудани таъминоти барқ ва оби нӯшокӣ бо сифати баланд дар муҳлати муайян ба анҷом расонида шаванд.

Сурайё НОРМАНӢ,
вилояти СУРХОНДАРЁ.

ЭЪТИБОР БА ЛУҚМАИ ҲАЛОЛ

Ноҳияи Каттақӯрғон дар вилояти Самарқанд барои ривоҷу равнақи моҳипарварӣ нуфузу эътибори хоса дорад. Ҳоло дар ноҳия қариб 100 хоҷагии моҳипарварӣ вуҷуд дошта, ҳавзаҳои он 445 гектар майдонро ташкил медиҳад.

– Соли равон ба кӯлу ҳавзаҳои махсус як миллиону 700 ҳазор моҳича партофтем, – иброз дошт раиси шуъбаи ветеринария ва чорвопарварии ноҳия Шуҳратҷон Саъдуллоев, – ният дорем, ки 7 ҳазору 330 тонна таоми парҳезӣ истеҳсол намоем.

– Баъзеҳо фикр мекунанд, ки моҳипарварӣ нисбати дигар соҳаҳо осон аст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд роҳбари хоҷагии фермерии «Ибодуллоев Иброҳим балиқлари» Шаҳрӯз Очилов, – чунин ақида нодуруст аст. Дар тасарруфи мо қариб 20 гектар ҳавзаҳои махсус мавҷуд буда, навъи моҳиҳои сазан, амури сафед парвариш меёбанд. Соли гузашта 70 тонна моҳӣ фурӯхта шуда, шароити мусоиди кору истироҳат фароҳам омад ва аҳволи иқтисодӣ беҳтар шуд. Аз ҳама муҳимаш, 15 нафар ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Имсол ният дорем, ки ба дасторхони мардум 80 тонна луқмаи ҳалолро пешкаш намоем.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик «
дар вилояти Самарқанд.

СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР СУРХОНДАРЁ БО СУРЪАТ РУШД МЕКУНАД



Ба ҳеч кас пӯшида нест, ки Сурхондарё замоне яке аз марказҳои муттамаддини Бохтарзамин, Чағонруду Моваруннаҳр (Вароруд) буду бо дилрабоиву дилкашӣ диққати оламиёнро ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз ба худ ҷалб намудааст. Дар ин сарзамин мавҷудияти чандин обидаву ёдгориҳои таърихии бойу археологии аҳди қадими пеш аз ислом, аз қабили Тешуктошии ноҳияи Бойсун, Зараутсойи Шеробод, Кампиртеппаи Музработ, Қоратеппа ва Фаёзтеппаи ноҳияи Тирмиз, Далварзинтеппаи ноҳияи Шӯрчӣ ва обидаву ёдгориҳои таърихии баъд аз ислом – Исо Муҳаммади Тирмизӣ (Шеробод), мақмӯаи мутафаккир ва мутасаввиф Ҳаким ат-Тирмизӣ, Султон Содот, Қирққиз, Кокулдоротаи ноҳияи Тирмиз (замоне ин масканҳо ҳама дар тасарруфи шаҳри Тирмиз буданд), минораи Ҷарқӯрғон, мақбараи Суфӣ Оллоҳёр ва мадрасаи Саид Оталиқи Деҳнав ва боз даҳҳо чунин ҷойҳои таърихӣ далели гуфтаҳои болост. Ин масканҳо ҳамеша дар мадди назари бостоншиносон ва сайёҳон буду мебошад. Ба ғайр аз ин, мавҷудияти гӯшаҳои зебоманзари ҷаннатосо: Хоҷамайхона ва Амонхонаи Бойсун, Хоҷаи поки Олтинсой, Сунбуламазори Деҳнав, Сангардак, Хондиза, Дараи Ниҳони Сариосиё, Боботоғи Узун ва боз кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Чулбайир, Осмонталош, Хоҷабаркӯҳу Хоҷапирях... бо рудҳои шӯҳу чашмасорони шифобахшу зулолаш дили ҳар бинандаро тасхир месозад. Пас бесабаб набудааст, ки сайёҳони хориҷиву ватанӣ ба ин диёр майли дидан мекунанд, таъриху маданияти ин сарзамини олиму шоирхезро омӯхтан мехоҳанд. Аз ин рӯ, вақте ки қадами сайёҳон ба ин диёр беш аз пеш гузошта мешавад, давлат ҳам баҳри тамошо ва истироҳати бофароғати онҳо омода аст ҳама гуна шароити замонавиро муҳайё созад.

Бояд эътироф намуд, ки ҳар сари вақт баргузоршавии фестивалҳои байналмиллии «Баҳори Бойсун», «Бахшиёна» ва дигар ҷашнвораҳои байналхалқӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилоят низ мусоидат намуданд. Зеро ин ҷашнвораҳо таъриху маданият, санъату ҳунар, урфу одат ва анъанаҳои миллии ин сарзаминро барои ҷаҳониён намоиш доданд ва боиси майлу рағбат пайдо кардани сайёҳони ватаниву хориҷӣ гардиданд.

Ниҳоят, ин омилҳо боис шуданд, ки 16 декабри соли 2024 қарори Президент «Дар бораи чораву тадобири беҳсозии сохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳудудҳои кӯҳӣ-дамгирии Сурхондарё, ҳамчунин барпо намудани масканҳои сайёҳӣ ва ба роҳ мондани хидматрасонии замонавӣ» қабул гардид. Мувофиқи қарори мазкур дар ҳудуди вилоят 3 минтақаи сайёҳӣ: Бойсун (деҳаҳои Амонхона, Сари Зов ва Дарбанд), дар ҳудудҳои кӯҳии ноҳияи Сариосиё (деҳаҳои Сангардак, Хондиза ва Нелу), дар ҳудудҳои кӯҳии ноҳияи Шеробод (деҳаҳои Шалқон, Хӯҷаикон), инчунин маркази сайёҳии «Оби ҳаёт»-и маҳаллаи «Оқтепа»-и Ҷарқӯрғон барпо мегардад. Дар самтҳои Амонхонаи Бойсун, Сангардаки Сариосиё ва «Оби ҳаёт»-и соҳили «Оқтепа» корҳои бунёдкорӣ аллакай оғоз ёфта, сохтмон бо суръат давом дорад. Инчунин, дар назар аст, ки дар қад-қади дарёи пурҷӯшу хурӯши Дараи Ниҳон дар оянда як қатор лоиҳаҳои бузургҳаҷм баҳри рушди соҳаи сайёҳӣ амалӣ гардад. Ин минтақа дорои имкониятҳои бузург мебошад баҳри ривоҷ додани соҳаи сайёҳӣ. Ба туфайли бунёд ёфтани ГЭСҳои хурду калон обанборҳое арзи вуҷуд карданд, ки манзараҳои дилфиреби минтақаро боз ҳам дилработар кардаанд ва ин гӯшаҳо барои истироҳаткунандагону сайёҳон айни муддаост.

Дар асоси қарори мазкур танҳо дар ду соли охир ба деҳаҳои Синаи ноҳияи Деҳнав, Сангардак ва Нелуи ноҳияи Сариосиё мақоми деҳаи сайёҳӣ дода шуданаш ва ба бунёди марказҳои сайёҳии «Сангардак», «Амонхона» ва «Оби ҳаёт» пойдевор гузошта шуданаш ба собит мерасонад, ки дар воҳа соҳаи сайёҳӣ бо суръат пеш меравад. Мувофиқи нақша марказҳои мазкур тӯли солҳои 2025-2027 бо ҳама шарту шароити замонавӣ бояд пурра бунёд ёфта, ба истифода дода шуда, дараҷаи аълои хидматрасонӣ ба роҳ монда шавад.

Баҳри амалӣ гардонидани лоиҳаҳои марказҳои сайёҳӣ 945,5 гектар майдон ҷудо гардидааст. Дар доираи лоиҳа бунёди 26 меҳмонхонае, ки 3-тояш сеситорадору 2-тояш панҷситорадор мебошад ва боз чандин меҳмонхонаҳои оилавӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, якчанд пикник, панҷ мавзеи истироҳатӣ дар соҳили дарё, санаторияҳо, боғу роғҳои дамгирӣ, тарабхонаҳо, боғчаҳои бачагона, терминал, иншоотҳои обтозакунӣ, истгоҳҳои нақлиётгузорӣ ва роҳҳои ҳавоии доргузор бунёд карда мешавад. Роҳҳои ҳавоии доргузори Амонхона – Томчибулоқ 4,21 км, Амонхона – Сари Зов 3,85 км ва Сангардак 1,8 кмро ташкил мекунад.

Мувофиқи ҳисоби пешакӣ барои амалисозии лоиҳаҳои мазкур 1 триллиону 604 миллион сӯм: «Сангардак» – 887,7 млрд, «Амонхона» – 408,5 млрд сӯм ва «Оби ҳаёт» – 308,5 млрд сӯм маблағ бояд масраф шавад. Баъди бунёд ёфтани ин марказҳо дар як сол ба маблағи 50,5 миллион доллар фоида ба даст омада, 753 нафар бо ҷойи кор таъмин мегарданд.

Боз як ҷиҳати муҳими бунёди ин марказҳои сайёҳӣ дар он аст, ки дар сохтори корҳои ободонии минтақаҳои мазкур дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд. Аз ҷумла, 33,5 км роҳи нав бунёд карда мешавад, 42 км қубурҳои об гузаронида мешавад, дар 17,5 км симҳои электр ба тамом аз нав кашида мешавад ва 27 км хати алоқа барпо гардида, марказҳо бо интернети тезсуръат таъмин мегарданд.

Пӯшида нест, ки беш аз пеш рушд кардани соҳаи сайёҳии вилояти Сурхондарё диққати сайёҳони хориҷӣ ва мутахассисони соҳаро ба худ ҷалб месозад. Имрӯз ҳатто дар расонаҳои ахбори хориҷиву маҳаллӣ дар ин хусус муттасил мақолаҳо дарҷ мегарданд. Мисол, 7 июли соли ҷорӣ дар рӯзномаи «Ammon News»-и Урдун дар бораи салоҳияти сайёҳии Сурхондарё ва барпо ёфтани се маркази сайёҳӣ бо унвони «Сурхондарё боз ҳам ба гӯшаи сайёҳии ҷозибадор табдил ёфта истодааст» мақолаи пурмуҳтаво дарҷ гардид.

Баъди бунёд ёфта, ба истифода дода шудани марказҳои сайёҳии зикршуда бешубҳа, сафи сайёҳони хориҷиву ватанӣ боз ҳам меафзояд ва Сурхондарёи овозадорро боз ҳам шуҳратёр мегардонад.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Сурхондарё.

ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ПАЛАВИ САМАРҚАНД»

Дар тӯли се рӯз дар шаҳри Самарқанд бори нахуст анҷумани бошукӯҳи байналхалқии «Палави Самарқанд» баргузор гардид.

Боиси ифтихору хушнудист, ки оши палав як нав таоми тоҷикона буда, бо гузашти айём дар байни дигар халқҳои минтақа маъмул шудааст.

Тибқи барномаи ҷашнвора рӯзи аввал дар шафати мақбараи Султон Ҳованд Бека – мақмӯаи Ашратхона озмуни ошпазҳои кишварамон баргузор шуд.

Рӯзи дуюми фестивал дар кӯчаи ба номи Навоӣ идома ёфта, дар баробари ошпазҳои маҳаллӣ, ошпазҳо аз Малайзия, Ҷопон, Чин, Ҳиндустон Полша, Индонезия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон истеъдоди ошпазии хешро намоиш доданд.

Рӯзи охир дар Маркази байналмилалии сайёҳии «Silk Road Samarkand» чорабинии асосии фестивал – пухтани 7 тонна оши палав баргузор гардид, ки 35 нафар ошпаз аз Ӯзбекистон ва панҷ нафар аз хориҷа истеъдоди ошпазии худро намоиш доданд. Деги чӯянин дар комбинати кӯҳӣ-металлургии Олмалиқ омода гардида, ба «Шаҳри абадӣ» тавассути нақлиёти махсус расонда шуд.

Барои шоҳиди чунин чорабиниҳои аҷиб, ғайр аз гӯшаву канори мамлакат, аз хориҷа низ сайёҳон ташриф фармудаанд.

Тибқи натиҷагирии доварону назоратчиён ҷойҳои фахрӣ ба вакилони шаҳри Тошканд, Бухорои шариф ва Хоразм насиб гардида, бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз шуданд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

ФОРУМИ IV МИЛЛИИ ОМӮЗГОРОН ОҒОЗ ЁФТ

Таҳти шиори «Омӯзгорони касбӣ – такягоҳи миллат» Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Форуми омӯзгоронро ташкил намуд.

Ҳадафи асосии ин форум муфассал шинос намудани омӯзгорон бо ислоҳоти ҷорӣ ва усулҳои пешрафтаи дар раванди таълим татбиқшаванда мебошад.

Дар оғоз, байни иштирокчиён назарсанҷии махсус баргузор гардид, ки дар он аз омӯзгорон даъват карда шуд то интизориҳои худро аз ин чорабинии бузург баён намоянд. Аз ҷавобҳои дарёфтшуда бармеояд, ки омӯзгорон умед доранд дар доираи форум маълумоти муфид ба даст оранд, ангеза гиранд, бо усулҳои нави таълим шинос шаванд, таҷриба иваз намоянд ва бештар дар бораи равиши эҷодкорона дар таълим маълумот пайдо кунанд.

Дар арафаи соли нави таҳсил, воқеан, хеле муҳим аст, ки омӯзгорон сари вақт аз навгониҳо ва тағйироти муҳими соҳаи маориф огоҳ гарданд.

Имсол марҳилаи ҷумҳуриявии форум дар Пажӯҳишгоҳи миллии маҳоратомӯзии омӯзгорон ба номи А. Авлонӣ баргузор гардид. Дар он омӯзгорон ва мураббиёни ташаббускор ва пешқадам аз тамоми гӯшаву канори кишвар иштирок доранд.

Ислоҳоти амиқи мусбати дар соҳаи маориф ҷараёндошта дар кишвари мо ба ҳадафи олӣ равона гардидаанд – тарбияи насли ҳамачониба рушдёфта, мустақиландеш, дорои мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва омодаи саҳмгузорӣ дар рушди Ватан.

– Дар арафаи соли нави таҳсил Форуми чоруми омӯзгорон оғоз ёфт, – мегӯяд роҳбари раёсати Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Дилшода Норбоева. – Ба омӯзондани моҳияти нақшаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва равишҳои нав дар раванди таълим ба омӯзгорон диққати махсус дода мешавад. Ин форум марҳилаҳои вилоятӣ ва ноҳиявиро низ дар бар мегирад, зеро муҳим аст, ки ҳар як мактаб ба навгониҳои соҳаи маориф дастрасӣ дошта бошад. Ғайр аз ин, соли ҷорӣ ба масоили истифодаи зеҳни сунъӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва пажӯҳишии хонандагон, инчунин татбиқи лоиҳаҳои инновативсионии таълимӣ аҳамияти бештар дода мешавад.

13–14 августи соли ҷорӣ форум дар вилоятҳо, 19–20 август дар ноҳияҳо ва шаҳрҳо ва 25–29 август дар тамоми муассисаҳои таълимӣ баргузор мегардад.

– Дар арафаи соли таҳсил барои омӯзгорон бисёр муҳим аст, ки аз тамоми навгониҳо огоҳ бошанд ва дониши худро ғанӣ гардонанд, – мегӯяд омӯзгори фанни химияи мактаби №38 шаҳри Қаршӣ Ойбек Мусурмонов. – Аз ин ҷиҳат, форум, бешак, барои ҳар як иштирокчӣ муфид ва арзишманд хоҳад буд.

Дар доираи ин чорабинӣ машғулиятҳои бахшӣ аз рӯйи фанҳои гуногун гузаронида мешаванд, ки онро омӯзгорони тренер – нафароне, ки аз омӯзгорони пуртаҷрибаи мактабҳои умумӣ ва мактабҳои президентӣ омодагии махсус гирифтаанд, роҳбарӣ мекунанд.

Назокат УСМОНОВА,
мухбири ӮзА.
Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ
(ӮзА).

Гӯшаи назм

Муҳаммади ШОДӢ

Ёди шумо

Дил муқими диёри ёди шумо,
Ҷон фидою нисори ёди шумо.

Рӯшаниҳо дар рӯзгори мо
Аз шуову шарори ёди шумо.

Бол-афшону бол-афшон аст
Мурғи дил дар мадори ёди шумо.

Пеши рӯ навбаҳор хурраму сабз
Тозарӯ то баҳори ёди шумо.

Дил бари дилбарию зебоист
Гӯиё дар канори ёди шумо.

Ташнагиҳои дил гувороямт
Дар лаби чашмасори ёди шумо.

Орзуҳо

Орзуҳо, орзуҳои ҷавон,
Дар дили ман мавҷҳои саркашед.
Зиндагӣ дар чашм гарчи тозарӯст
Тарҳи он ҳар рӯз зеботар кашед.

Мавҷҳои зиндагиеду дилам,
Бо шумо болову поин мешавад.
То шумо дар авҷ, рӯҳи ман баланд
Аз замин то моҳу парвин мешавад.

Орзуҳо – баҳрҳои бекарон,
Дар талотум бо шумо ҳастии дил.
Сабзҷонии сари мо аз шумост,
Аз шумо туғёни дил, мастии дил.

Дар дили ман зиндаеду бо шумо,
Заррае бошам агар, дунё шавам.
Дар дили ман ҷӯшзан завқи шумост,
То бирезам бар шумо, дарё шавам!

Орзуҳо, орзуҳои ҷавон,
Дар дили ман мавҷҳои саркашед.
Зиндагӣ дар чашм гарчи тозарӯст,
Тарҳи он ҳар рӯз зеботар кашед...

Ҳасрат

Бачагӣ абри гузар буду гузашт,
Навбаҳори сабзу тар буду гузашт.

Пеши чашми мо баҳори гулфишон,
Чун биҳиште ҷилвагар буду гузашт.

Дар тулӯъи хандарези умри мо,
Бачагӣ нури саҳар буду гузашт.

Бо насими бодпои фасли гул
Ҳамнишину ҳамсафар буду гузашт.

Бачагӣ бо хуштарин дамҳои умр,
Гӯиё ҳамболу пар буду гузашт.

Даврaҳои беғубори умри мо
Подшоҳӣ дар назар буду гузашт.

***

Сад дареғ, аз чашмҳо шуд нопадид
Навҷавонӣ – олами ишқу умед.
Шуълаи ҳусни ҷавонӣ чун парид,
Тунд омад лашкари мӯи сафед.

Монд дил аз ҷӯш, дарёӣ гузашт,
Навҷавонӣ – даври тиллоӣ гузашт.
Зар ба каф дорем, милёндор мо!
Бой мо? Афсӯс, дороӣ гузашт.

Дубайтӣ

Бунафша дар лаби ҷӯ раста-раста,
Бичинам лолаҳоро даста-даста.
Баробар шуд шабу рӯз, эй азизон,
Муборак бод Наврӯзи ҳуҷаста.

Толиб ЮНУСЗОДА,
САМАРҚАНД.

90 рӯзи зарбдор

ТОБИСТОНИ БОФАРОҒАТИ БАЧАҲО

Имсол дар кишвари мо таътили тобистонаи мактаббачагон хеле пурмаҳсул ва пурмазмун мегузарад. Дар чаҳорчӯби лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» қариб дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳо ва машғулиятҳои варзишӣ фаъолият доранд.
Як гурӯҳ журналистон бо ҳамкории ҳокимияти вилояти Тошканд дар шаҳри Ангрен шуда, бо истироҳати пурмазмуни таътили тобистонаи мактаббачагон ошно гардиданд. Бино ба маълумоти шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабӣ дар шаҳри ангиштканон 40 мактаб мавҷуд буда, шумораи хонандагон беш аз 31 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар рӯзҳои таътил низ дари ҳамаи мактабҳо барои бачаҳо боз аст, инчунин дар ҳафт мактаб майдончаҳои солимгардонӣ фаъолият мебаранд.

Сафари хидматӣ аз боздиди мактаби таҳсилоти умумии рақами 17, ки дар он таълим ба забони тоҷикӣ мегузарад, оғоз шуд.

— Мактаби мо на танҳо дар шаҳр, балки дар вилоят яке аз беҳтарин мактабҳо ба шумор меравад, — мегӯяд директори муассиса Зебунисо Маҳкамова. — Дар соли хониши 2024-25 дар мактаб 1476 нафар талаба таҳсил гирифтанд (аз моҳи сентябр 174 нафар хонандагони синфҳои якумро интизорем), барои онҳо тамоми шароит фароҳам оварда шудааст, ки метавонанд аз тамоми фанҳо маълумоти босифат гиранд. Дар натиҷа, зиёда аз 80 фоизи хатмкардагони мактабамон ба муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон ва берун аз он дохил мешаванд. Чанд сол пеш мактаб аз таъмири асосӣ баромад, онро бо таҷҳизоти нави таълимӣ, аз он ҷумла компютерҳои ҳозиразамон, мебел таъмин кардем. Чунин ҳаракатҳо, пеш аз ҳама ба тарбияи насли наврасӣ ҳамаҷониба бомаърифат ва ташаббускор хидмат мекунад. Аз ин рӯ, лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» барои дар сатҳи наву сифатнок гузаронидани таътили тобистона, пешгирии ҷиноятҳои дар байни ҷавонон, ҳифзи онҳо аз таъсири ғояҳои бегона ва зараровар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Таътил дар мактаб бо руҳияти болида, шавқовар ва пурмазмун мегузарад, ки аз он падару модарон низ хурсанд. Ҳар як рӯзи ҳафтаро дар асоси барномаи муқарраршудаи ба мавзӯъҳо ҷудо карда мегузаронанд. Масалан, душанбе рӯзи футбол аст, сешанбе забоншиносӣ ва ғайра. Даҳҳо маҳфилу сексияҳои варзишӣ ташкил карда шуда, мусобиқаҳо, бозиҳои интеллектуалӣ, машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ мунтазам гузаронда мешаванд. Китобхона бо адабиёти нави ватанӣ ва хориҷӣ таъмин карда шудааст. Майдони футбол, майдончаҳои баскетболу волейбол ҳаргиз холӣ нест.

— Тобистон ба ҷои дар хона нишастан, ба мактаб омада, бо ҳамсинфон суҳбат карда, дар соҳаи технологияҳои ахбор чизи нав омӯхтан беҳтар аст, — ба суҳбат ҳамроҳ мешавад хонандаи синфи 6-ум Ёсуман Абдуллоева. — Дар рӯзҳои таътил бисёр чизҳоро омӯхтам, сиру асрори бофандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро ёд гирифтам. Дар викторинаҳои адабӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бо як шавқу ҳаваси зиёд иштирок мекунам.

Зимнан, рӯзи омадани мо дар саҳни мактаб финали бозии зеҳнии «Заковат» байни мактаббачагони маҳаллаҳои ҳамсоя баргузор гардид. Гурӯҳи ҷамъомади шаҳрвандони «Қарабоғ» ғолибиятро ба даст оварданд.

Маҷмӯи замонавии варзиши обии «Делфин» чаҳор сол қабл сохта шуда, ба ҳама меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ аст, варзишгоҳ ба як макони ҷолиби кӯдакони шаҳр табдил ёфтааст, хусусан дар тобистон серодам аст. Бачаҳои синну соли гуногун таҳти роҳбарии мураббиёни таҷрибанок асосҳои шиновариро азхуд мекунанд ва нафарone ҳастанд, ки аллакай пешқадам шудаанд.

Рӯзҳои таътил давраи истироҳат, аммо вақте барои рушди зеҳнӣ ва ҷисмонӣ хидмат мекунанд, боз ҳам беҳтар аст.

С. МУТИН,
вилояти Тошканд.

Суратгир: Рашид ГАЛЕЕВ.

ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ

КАШШОФИ РОЗИ ДИЛҲО

Ё худ, ба муносибати ҳафтодупанҷумин солгарди зодрӯзи Шоири халқии Ӯзбекистон, дорандаи мукофоти байналмилалии ба номи Маяковский, шоири саршиноси муосири ӯзбек, драматург, тарҷумон, муҳаққиқу мунаққиди адабиётҳо, вассоф ва пайвандгари дӯстии халқҳо, ифшогари дарду розҳо – Усмон Азим.



КИТОБЕ БА НОМИ ДИЛҲО

Интишори китоби «Сӯнгсӯзлар» («Пасгуфтор»)-и Усмон Азим дар муҳити адабии Ӯзбекистон зуҳуроти нави ҷолиби таваҷҷуҳ буд. Пайваста мухлисоташ меафзояд ба китоби рӯйимизӣ мубаддал мегардад. Хотира – китоб бо ҳисси қарздорӣ назди руҳи поки гузаштагону дарёфти ҳақиқат дар ҳама давру замон таълиф шуда.

Вусъати тафаккур шоири тавоноро имкон додааст, нисбати ҳама рӯйдодҳои зиндагӣ, паҳлӯҳои мухталифи адабиёту санъат, шеъру шоирӣ, истеъдоди фитрӣ, ки ҷавҳари поки инсон аст, муҳаққиқона сухан ронад. Дар бисёр ҷойҳои китоб шоири дилогаҳ аз костаги гавҳарношиносон ба дод меояд. Ба таъбири Хоҷа Ҳофиз:

Оҳ, аз дасти саррофони гавҳарношинос,
Ҳар замон хармуҳраро бо дур баробар мекунанд.

Аз хулоса ва мушоҳидаҳои жарфбинонаи Усмон Азим дар китоб дарёфтам, ки ин марди ҳассос то кадом дараҷа нисбати аҳли илму фарҳанг, паҳлуҳои ноаёну дардолуди қисмати шӯрангезашон бо дард менависад. Бурду бохташонро дар арсаи пурталотуми адабиёт холисона баррасӣ мекунад. Намирандаву ҷовид будани маҳсули истеъдоди фитрии адабиёти асилро дар кадом шаклу навъ, ё жанре набошад, дилпурона таъкид менамояд. Ба назарам, нафаре аз мунаққидону олимони соҳа нисбати паҳлӯҳои ноаёну ғамангези абармардони ҷодаи адабиёту санъати асил, мисли: Шукур Холмирзоев, Рӯзӣ Чориев, Рауф Парфӣ, Шавкат Раҳмон, Абдулло Қаҳҳор, Баҳодур Йӯлдошев, Шукур Бурҳонов, шоири ҷавонмарги оташинсухан Ҷӯрабек Рамазон аз рӯзгори печидаашон чунин бадард нагуфтааст. Шояд тадқиқу омӯзишҳо зиёд бошад. Аммо дар шинохти олами маънавии намояндагони зиндаёд Усмон Азим ба асрори ниҳонхонаи дили онҳо муроҷиат намудааст.

ВАССОФИ ДӮСТИ ХАЛҚҲО

Дилро ба дил раҳест, дар ин гунбади сипеҳр,
Аз рӯйи кина кинаву аз рӯйи меҳр меҳр.

Асосан, самимияти рӯзафзунам ба ака Усмон дарёфтанам ӯро чун васлгари дилҳост. Дар эҷодиёташ низ ин зуҳуроти хурсандиовар рӯз то рӯз такмил меёбад. Имрӯзҳо ӯ бо талқини нав дар асоси дархости роҳбарияти воломақоми ҳукумат намоишномаи «Ҷомӣ ва Навои»-ро ба ҳукми тамошобинон ҳавола намуда, собит намуд, ки дӯстии халқҳо дӯстии адабиётҳост. Вақти гуфтугӯи тӯлонӣ мо асосан бо руҳи болида аз эътирофҳои байниҳамдигарии ин ду нобиғаи нотакрор бо ҳусни тафоҳум ва тафохури хоса ёд меовардем. Ин иқдоми неки шоирро хуш пазируфта беихтиёр дар ситоишу эътирофи якдигар сутудаи бузургдошти тамаддуни оламгир – Ҷомию Навоӣ ба ёд омад ва ёдовар шуда афзудам ба шоир:

Сафоёб аз нури рои ту шуд,
Навоӣ зи лутфи навои ту шуд.

* * *

Ба туркизабонон нақше омад аҷаб,
Ки ҷодумонро бувад муҳри лаб.

Вақте ки аз як ғазали дилошӯби Навоӣ (Фонӣ) мақтаъашро ёдовар шудам, Усмон Азим ба муносибати қавии устоду шогирдӣ ва эътирофу эътиқоди байниҳамдигарии эшон бо ҳисси қаноатмандӣ аҳсан мегуфт.

З-ин назми нав, чархи куҳун, якбора гӯ ҳайрат макун,
Фонӣ чу таълими сухун дорад зи Ҷомӣ борҳо.

Ин ҷо шоир аз адабиётшиноси жарфбин, навоишиноси Олим Давлатов изҳори миннатдорӣ дошт, ки ба дарёфту шарҳу тавзеҳи абёти зикршуда кӯмакрасон буд. Мавриди зикр аст, ки дар китоби номбурда низ нисбати муносибати Ҷомию Навоӣ ва омӯзиши мероси ғаронбаҳои онҳо як нуктаи ҷолиби ба назарам навро иброз медорад Усмон Азим, ки дар омӯзишу пажуҳишҳои минбаъда мадди назар будан баҳо муфиду судбахш аст:

«Барои Навоиро дарк намудан ба Ҷомӣ такя намудан лозим. Дар омӯзиши эҷодиёти Ҷомӣ бошад, ба Навоӣ муроҷиат кардан лозим».

Дар саҳифаҳои 268-269 ба ин маънӣ меоварад: «Навоиро чун фарзанд донистани ин инсони бузург – Абдураҳмони Ҷомӣ ба дараҷаи дар тасаввур намеғунҷиданӣ эъзоз дошт ва беҳуда набошад даркор».

Ба фикри ман, истеъдоди нотакрору барҷаста, беназируи бузургии Навоиро дар қатори ҳамзамононаш Абдураҳмон Ҷомӣ низ баръало ҳис намудааст».

Аз марги бародари дардошнояш Нависандаи халқии Тоҷикистон – Саттор Турсун, ки зодаи як диёранд, Усмон Азим сахт андӯҳгин буд. Ӯ боре ҳини суҳбати телефонӣ аҳволу саломатии дӯсташ – Саттор Турсунро пурсон шуда, аз банда хоҳиш намуд, ки: «Сатторакаро бемор мегӯянд, бояд ҳамроҳ рафта як хабар мегирифтем». Афсӯс, ки аз сабаби он вақт паспорти хориҷӣ надоштанам ин ният амалӣ нашуда буд. Баъди марги адиби маҳбуб – Саттор Турсун, Усмон Азим бо ҳамроҳии Нависандаи халқии Ӯзбекистон Эркин Аъзам, шоиру адабиётшиносон Одил-Икром, Мирзо Кенҷабек, Олим Давлатов ба Душанбе рафта, изҳори ҳамдардӣ намуда, қабри нависандаро зиёрат карданд.

ШЕЪРРО ШОИР КУНЕД...

Шоирони ба шеър монандро дидам. Ҳофизони ба суруд монандро бошад, дучор нашудам. Шояд ман сурудро дигар хел тасаввур мекунам.

(Усмон Азим).

Усмон Азим дар байни хонандагони ӯзбек чун шоири маҳбуб бо маҷмӯаҳои шеърии «Оқибат», «Ғусса», «Бахшиёна», «Оина», «Тазаррӯъ», «Азоби эҳёи руҳӣ», «Тирамоҳ», «Ҳолат» ва ғайра шинохта шудааст. Ҳанӯз аз маҷмӯаҳои аввалинаш бо истеъдоди фитрӣ ва роҳу майлони хоси худ вориди арсаи адабиёт шуданаш диққати аҳли адабу шеъри нобро ба худ кашид. То имрӯз навпардозиҳо, вусъати тафаккур, эҳсосу дарду дарки шоирона дар ашъори шоир дар такмил аст. Ӯ пайгиру ҷонибдори он аст, ки шеър бояд маҳсули баланди шуур бошад. На ҳар сухани ба риштаи назм кашида, ки дорои қофияву вазну ҳиҷост, шеър аст.

Ба таъбири аллома Иқболи Лоҳурӣ, ки бачо гуфта:

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист.

Боре Усмон Азим дар меҳмонии барномаи телевизионии «Қақнус» доир ба шеъру шоирӣ бо исрору қатъият тақрибан чунин гуфта буд, ки басо мутобиқу мувофиқи таърифи шеъри асил аст:

«Шеъри аз ҳама боло шеъри машкилфаҳм аст, аз ин рӯ, арзиши ашъори шоирони гузашта коста нагаштааст. Зеро дар онҳо санъатҳои шеърӣ ва афкори баланди шоирона хуб риоя шудааст».

Вақте ки шеърҳои Пастернак, Вознисенскийро дар маҷаллаи «Ҷаҳон адабиёти» (Тарҷумон Усмон Азим) хондам, сари он андешидам, ки тарҷума то чӣ андоза мароломоли эҳсоси шоиронаю ифодаҳои бикру дардолуданд.

Шоири рангинхаёл дар кадом кунҷу канор набошад, бо ёди зодгоҳаш Бойсун зиндагӣ мекунад. Дар рафти гуфтугӯйи телефонӣ аввалсуханаш ин аст: «Юракдош, тоққа қор қандай?»

Ин ифодаи кӯтоҳи аз ниҳонхонаи дили шоир баромадаи ба назар одӣ дар кадом поя мабдаю манбаи шеъри шоир будани қуллаҳои сарбафалак кашидаи диёри марҳезаш Бойсунро ба хотир меовард. Мо ба шоири кашшофу ифшо (ба таъбири худаш фошгардида) сарбаландию хонаободӣ ва бурдборӣ таманно дорем.

Салом АТОЕВ,
омӯзгори мактаби рақами 5-уми ноҳияи Бойсун.

СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Сарчашмаи ҳамаи айбҳои одамӣ ду чиз аст: яке бекорӣ ва дигаре эътиқод ба хурофот.

Лев ТОЛСТОЙ.

Сукут шакли дурусти сухан гуфтан аст. Танҳо касе ба чизе гуфтан қодир аст, ки сукут варзида метавонад.

Жан-Пол САРТР.

Имтиҳони серӣ гоҳе мушкилтар аз имтиҳони камбизоатист.

Пётр ТОДОРОВСКИЙ.

Сипосгузорам аз ҳамаи онҳое, ки ба рӯйи хоҳишҳои ман посух доданд: «На!» Ва ман ҳамаи корҳоямро худ анҷом додам.

Сируси ШАМИСО.

Ҳарфи некӯ чун ҷавоҳир аст, агар бамаврид гуфта шавад, арзишаш афзун гардад.

Ибни СИНО.

Ҳама гуна навмедӣ ва ҷудоию бохт, бо мурури вақт, шуморо ба зебоӣ ё чизе заруру муҳимтар рӯ ба рӯ месозад.

Ҷим КОРРИ.

Агар шумо ба комёбиҳоятон аз равзанаи таърифу танқиди дигарон нигаред, ташвишҳоятон зиёд мешавад.

Лао-СЗИ.

Хато кардан имтиёзи касонест, ки фаъоланд. Танҳо одамони миёнаҳол вақти худро ба исботи он, ки онҳо хато нахоҳанд кард, сарф менамоянд.

Ингвар КАМПРАД.

Ҳар касе, ки дар ёди бахту саодати дигарон бошад, саранҷом саодати худро низ пайдо хоҳад кард.

АФЛОТУН.

Сангҳоеро, ки ба сӯйи шумо меафкананд, якҷо гирд оваред. Онҳо пояи ҳайкали ояндаанд.

Гектор БЕРЛИОЗ.

Дирӯз ҷавоне оқил будам, ки мехостам дунёро дигаргун созам. Имрӯз марде хирадмандам. Вале, баръакс, мехоҳам худамро тағйир диҳам.

Леонардо ди-КАПРИО.

Ҷомеа замоне ҳикмату саодат меёбад, ки мутолиа кори ҳаррӯзааш бошад.

СУҚРОТ.

Башар ҳаргиз аз чизе, ки барои ӯ муҳим аст, даст намекашад.

Зигмунд ФРЕЙД.

Решаи тарбия талх аст, аммо мевааш – ширин.

АРАСТУ.

Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3701. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.10

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.